**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ДДБ ба номи Носири Хусрав – Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи "Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии ояида барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон"**

Рисолаи Мусоева Бунафша Аламхоновна "Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими математика, мушаххасан ба ташаккули омодагии касбӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки мавзӯи мазкур бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва бештар амалии назаррас дошта, инкишофи завқи математикӣ иборат аз ташаккули андар тавъамии мафҳумҳо ва тасаввурот дар бораи математика дар зеҳни хонандагон нақши муассир мебозад.

Муҳаққиқ дараҷаи омӯзишу пажӯҳиши мвзӯъро васеъ таҳлил карда, собит намудааст, ки ҳарчанд ба ин мавзӯъ дар хориҷи кишвар – Федератсияи Русия таҳқиқоти арзишманде ба табъ расидаанд, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз ба таври бояд омӯхта нашудааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор аз мундариҷа, ду бобу панҷ параграф, муқаддима, хулоса, тавсия ва рӯйхати адабиёт иборат аст, ки рӯйхати адабиёт бидуни интишороти довталаб фарогири 212 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ муайян гардида, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда тавсиф ёфта, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор, навгониҳо ва нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот возеҳ муайян карда шудааст. Инчунин дар мукаддима методи таҳқиқу марҳалаҳои омӯзиш ва ҳаҷму сохтори мавзӯъ инъикос ёфтааст.

Воқеан, ба ташаккули омодагии касбии омӯзгори фанни математика барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар ҷараёни таълим ба маҳорату малака ва салоҳияти касбии психологию педагогии омӯзгор таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Омӯзиши математика воситаи тавонои рушди қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ ба шумор рафта, ҷанба ва самаранокии инкишофи завқи математикӣ дар синнусоли мактабӣ омили асосии омӯзиши минбаъдаи бомуваффақияти он дар мактаб ба ҳисоб меравад.

Мусоева Б.А. бо чунин назардошт мақсад, объект, мавзӯъ ва фарзияи таҳқиқотро ба таври зайл муайян кардааст:

1. Ошкор намудани вижагии фаъолияти омӯзгор оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар шароити муосир;
2. Асосноккунии амсилаи омодагии мутахассиси мушаххас барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон;
3. Муайян кардани шароити педагогии таъминкунандаи ташаккули муваффақонаи омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон;
4. Таъин намудани меъёрҳо ва дараҷаҳои омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии завқи математикии хонандагон.

Дар боби аввали диссертатсия асосҳои назариявии омодасозии омӯзгорони оянда дар роҳи идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон баҳри донишазхудкунии онҳо дар ҷараёни таълими математика пурра баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ва методҳои муосири таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо нишондоди ҷадвалҳои диаграмаҳои муқоисавӣ таҳлил гардидааст

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки омили муҳими омодасозии омӯзгор барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад, ки муҳаққиқ Мусоева Б.А пурра аз уҳдаи ин амал баромада, натиҷаҳои озмоиши худро возеҳ баён кардааст.

Диссертант тавонистааст мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар чорчӯбаи муайянгардидаи пажӯҳишоти худ анҷом диҳад.

Бояд гуфт, ки дар илми педагогика масъалаи методикаи таълим масъалаи ниҳоят муҳим ва пураҳамият ба шумор меравад. Мусоева Б.А. дар тӯли даҳ соли таҳқикоти худ аз масъалаҳои гуногуну мубрами педагогика ва методикаи таълим огоҳии кофӣ ҳосил карда, аҳамияти назариявию амалии кор ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъро саҳеҳ баён карда, хулоса ва тавсияҳои ҷолиб пешниҳод кардааст.

Ҳамин тавр, муҳтавои асосии соҳаҳои таҳқиқоти дессертатсионӣ ба мазмуни бандҳои 1, 3, 4, 8, 14, 19, 21, 25, 28 ва 36-и шиносномаи ихтисоси 13.00.08.03 – «Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ)» пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илми математика ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳо ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мурраккаби таҳқиқотӣ - идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, ки бо истифода аз методҳои муосири муҳақиқони имрӯза ба болобарии дониши математикии хонандагон бахшида шудааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда метавонанд бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия дар инкишофи завқи математикии хонандагон саҳми босазо гузорад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертант дар қатори маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар 11 адад интишороти муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз он 7 номгӯй дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки эътирофи ӯро ҳамчун мутахассиси соҳаи методикаи таълими математика нишон медиҳад.

Ман итминони комил дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Мусоева Б.А. ин оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ андар ҷодаи доманадори педагогика ва хусусан методикаи таълим – методикаи таълими математика ба шумор меравад ва ӯ метавонад дар оянда пажӯҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ) ба шумор меравад.

Автореферат комилан инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Шодиён М.С.**